Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ бахшида шудааст. Уҳдадориҳои пулӣ дар шароити ҳозира унсури ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ буда, табиати ҳуқуқии онҳо дар навбати аввал бо гуногуншаклӣ ва тафовути онҳо алоқаманд мебошад. Масъалаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, дар шароити тағйирёбии босуръати бозор, ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ таваҷҷуҳи доимӣ ва ҷиддиро талаб мекунад. Мавзӯи мазкур то ба ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии олимони ватанӣ қарор дода нашудааст.

Бояд қайд намоем, ки табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ ба иқтисоди бозории ҳозиразамон нигаронида шуда, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки тибқи моддаи 12 он асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил намуда, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси такмили институтҳои ҷойдоштаи ҳуқуқи гражданӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нав, аз ҷумла институти уҳдадориҳои пулӣ гардид. Реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо дарназардошти талаботи кунунии муомилоти бозорӣ дар меъёру муқарраротӣ КГ ҶТ, дигар қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ оид ба иҷрои онҳо муқаррар карда шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки аз иҷрои уҳдадориҳои пулӣ суботи муомилоти иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми гражданию соҳибкорӣ ва амалия, таҳияи чунин механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ мусоидат намудан, мебошад.

Инчунин, на ҳамаи масъалаҳоеро, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд, қонунгузории амалкунанда бо таври мусбӣ ҳал намудааст. Сабабгори ин, ихтилофҳои назариявии то ба ҳол бартараф нашуда, инчунин баъзе муаммоҳое мебошанд, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд меоянд.

Гарчанде аз лаҳзаи мавриди амал қарор додани КГҶТ вақти муайяне гузашта бошад ҳам, вале то ба ҳол аз таҷрибаи татбиқи меъёрҳои он ба таври пурра истифода намешавад. Аз ин ҷо, масъалаҳои ҳалношуда, аз ҷумла табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт ҳисоб карда мешаванд, ҳисоби фоизҳо вобаста ба маблағи зиён ва ғайра, боқӣ мондаанд.

Бояд қайд намуд, ки аз лиҳози назариявӣ дар адабиёти гражданӣ ва соҳибкории ватанӣ то ба ҳол масъалаҳои мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми уҳдадориҳо, намудҳои гуногуни онҳо, инчунин, мафҳуми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани онҳо, аз ҳуқуқҳои худ бо мақсади бойшавӣ сӯистифода намудани кредитор, баргардонидани воситаҳои пулии то бекор кардани шартнома пардохт кардашуда ва ғайра, мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд.

Дар ниҳоят, аҳамияти таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои берунии иқтисодиро бо кишварҳои дигар низ инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, муайян намудани реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрои онҳо байни субъектҳои хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар аз як тараф, ба сифати воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорони ватанӣ аз сӯистифодабариҳои гуногун баромад намуда, аз ҷониби дигар, шарти аввалаи таъмини муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои субъектҳои хоҷагии хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд менамоем, ки муаллифи диссертатсия масъалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ, асосҳои ба вуҷуд омадан ва таснифоти онҳо, мафҳуми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ва мазмуни онҳо, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва бо таври матлуб иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ, рӯёндани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ ва дигар масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулиро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, оид ба мафҳум, моҳият ва мазмуни онҳо на танҳо фикру ақидаҳои олимонро мавриди омӯзиш қарор додааст, балки нисбат ба онҳо фикру ақидаҳои худро баён намуда, барои такмили онҳо дар асоси таҳлили қонунгузории Тоҷикистон андешаҳои худро иброз менамояд.

Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти илмии мустақилона иҷрошудае мебошад, ки натиҷаҳои онро унвонҷӯй шахсан ба даст овардааст. Таклифҳои аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод карда шуда барои рушди соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ ва амалияи таъмини иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мусоидат менамояд. Дар диссертатсия масъалаи на танҳо пулҳои нақд, балки воситаҳои пулии ғайринақдӣ низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додашудааст. Зеро онҳо дар баробари пулҳои нақд предмети уҳдадориҳои пулӣ мебошанд. Бинобар дорои хусусияти фоидаовар будани пул,

муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қонунгузорӣ уҳдадорӣ оид ба пардохти фоизҳо барои истифодаи онҳо муқаррар карда шавад.

Ба ақидаи муаллиф агар пулҳои накд ифодакунандаи гуногуншаклии ашёҳо бошанд, пас пулҳои ғайринакдӣ ба ашёҳо дахл надошта, ба муомилоти граждани ба сифати талаботи уҳдадоркунандаи субъектҳое дохил мешаванд, ки дар муносибат ба ташкилотҳои молиявии қарзӣ қарор доранд.

Инчунин, муаллиф мафҳумҳои уҳдадориҳои пулии дар адабиёти ҳуқуқии мавҷудбударо мавриди таҳқиқ қарор дода, пешниҳод кардааст, ки мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ чунин уҳдадориҳое ҳисобида шаванд, ки тибқи онҳо кредитор ҳуқуқ дорад аз қарздор маблағи пулии муайян ё муайяншавандаро бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи шартнома ва қонунгузории гражданӣ талаб намояд. Бо дарназардошти таҳлили қонунгузории Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки иҷрои уҳдадориҳои пулӣ гуфта, аз ҷониби қарздор содир намудани амал (амалҳо)-и муайян ҷиҳати интиқол ё пардохт намудани маблағҳои пулӣ бо талаби кредитор, фаҳмида шавад.

Уҳдадориҳои пулиро диссертант ба уҳдадориҳое, ки предмети онҳо танҳо пул мебошад ва уҳдадориҳое, ки предмети онҳо ҳамчун қоида, метавонад пул бошад ҷудо менамояд. Вобаста ба асоси ба вуҷуд омаданашон, уҳдадориҳои пулӣ ба уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, инчунин танзимшаванда ва ҳифзшаванда тасниф карда мешаванд.

Ҳамзамон, қайд менамояд, ки меъёри дар қ. 1. м. 426 КГ ҶТ овардашуда, аксаран ҳамчун қоидаи умумӣ барои муқаррар намудани оқибатҳои ба таъхир андохтани мӯҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ фаҳмида мешавад. Вале ҳудуди амали меъёри мазкур васеътар буда, он дар мавридҳои муқаррар намудани оқибатҳои «ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр» низ татбиқ мегардад. Ба ақидаи муаллиф нигохдории ғайриқонунии маблағҳои пулӣ метавонад, ки сабаби вайронкунии уҳдадории пулӣ ва ҳам он уҳдадорие бошад, ки гарчанде бо додани пул вобаста ҳам бошад, аммо уҳдадориҳои пулӣ ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо вобаста ба маблағи воситаҳои пулии ғайриқонунӣ истифода бурдашуда, нисбати ташкилоти қарзи (бонкҳо)-и гунаҳгор, ки бо супориши мизоҷ барои иҷро ҷалб карда шудааст, гарчанде бо шартномаи ҳисоби бонкӣ алоқаманд набошад, татбиқ карда шавад.

Инчунин қайд менамоем, ки новобаста аз он, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр баробар ба андозаи ин маблағ ба кредитор фоиз месупорад, бар замми он, тибқи қонунгузорӣ ба кредитор ҷаримаи иловагӣ низ мепардозад (қ.5. м. 426 КГ ҶТ), ки чунин ҳолат ба талаботи принсипи баробарии субъектҳои муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар ҳуқуқи гражданӣ ҳукмфармост, чандон мувофиқ набуда,

соҳибкори қарздорро нисбат ба субъектҳои дигар дар ҳолати нобаробарӣ қарор медиҳад.

Ҳамзамон, диссертант андешаҳои дигарро дар диссертатсия иброз менамояд, ки барои рушди назарияи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Андешаҳои дар боло зикргардида, навгонии илмии диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам карда шуда, қисмати аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар мизҳои мудаввар ва конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 10-16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», к ибо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии худро дошта, ҳамаи онҳо барои ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявию амалӣ доштани унвонҷӯ оид ба ихтисоси интихобкардааш мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» ба ҳимоя омода буда, барои дарёфти дараҷаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.

Имзои М.З. Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Акадмемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кучарова Б.Д.